Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

آواز تاجيك

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ӮЗБЕКИСТОН

10 июли соли 2002. Чоршанбе № 52 (12794)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 17.30 имзо гардид.

## Сафари Президент ба Оқтов

**Президент Ислом Каримов 6-7 июл дар саммити ғайрирасмии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Россия иштирок намуд, ки дар шаҳри Оқтови Қазоқистон ба амал омад.**

Чунин мулоқотҳо дар ҳамгароии мамлакатҳои ҳамсоя аҳамияти калон касб мекунад. Ҳарчанд мулоқоти Оқтов характери ғайрирасмӣ дошт, вале он дар бобати рушди равобит байни давлатҳо дао соҳаи сиёсат, иқтисодиёт ва иҷтимоиёт аҳамияти калон дорад.

Мулоқот дар қароргоҳи Президенти Қазоқистон дар ҳамин шаҳр ба амал омад. Дар ин ҷо Президенти Ӯзбекистон Ислом Каримовро сарвари Қазоқистон Нурсултон Назарбоев пешвоз гирифт. Ҳангоми сӯҳбат оид ба масъалаҳои муносибатҳои мутақобила байни ду мамлакати дӯст мубодилаи афкор ба амал омад.

Диққату эътибори асосии сарварони Ӯзбекистон, Россия, Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон ҳангоми мулоқоти ғайрирасмӣ ба масъалаҳои рушди ҳамкорӣ, ба дараҷаи нав баланд бардоштани равандҳои ҳамгароии иқтисодӣ ва дар ҳамин пойгоҳ ҳамкорӣ дар соҳаи коммуникатсияҳо, энергетика, нақлиёт, ҷонибдории лоиҳаҳои пешомаднок ва мубориза муштарак ба муқобили терроризми байналхалқӣ, ҷинояткории муташаккил, экстремизм, нашъаҷаллобӣ нигаронда шуд.

Фикру мулоҳизаҳои хешро баён сохта, ҷонибҳо зикр намуданд, ки ҳаллу фасли масъалаҳо бояд ба усулияти баробарҳуқуқии давлатҳо такя намояд ва муштаракан ҳаллу фасл намудани муаммоҳои иқтисодӣ аҳамияти муҳим дорад.

Президентҳо бо фаъолияти марказҳои миллии фарҳангии ӯзбекон, русҳо, қазоқон, қирғизон ва тоҷикон дар Оқтов ошно гардиданд.

Оқтов шаҳри соҳили баҳри Каспӣ мебошад. Солҳои охир бандари баҳрии он васеъ гардид ва дар пойгоҳи талаби замон таҷдид ёфт. Иштирокдорони саммит бо фаъолияти бандари мазкур низ шинос шуданд.

**(ӮзА).**

## Пазирой дар қароргоҳи Оқсарой



Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов 5 июл котиби давлатии Вазорати федоролии иқтисодиёт ва технологияи Олмон Аксел Герлахро пазируфт.

Сарвари давлатамон меҳмонро хайра мақдам гуфта, зикр намуд, ки дар бобати рушд бахшидани муносибатҳои иқтисодии байни Ӯзбекистон ва Олмон ҳиссаи вазорате калон мебошад, ки А.Герлах вакили он ба ҳисоб меравад.

Олмон дар байни Иттиҳоди Аврупо оид ба дар Ӯзбекистон созмон додани корхонаҳои муштарак ҷои дуюмро ишғол менамояд. Алҳол дар мамлакати мо 138 корхонаи муштарак арзи ҳастӣ мекунад. 55 фирма ва ширкат, ки дар байни онҳо «Сименс», «Даймлер-Крайслер», «БАСФ», «Гиссен Крупп», «Люфтганза», «Алкател» мебошад, ҳамчунин чор бонки калонтарин — «Дойчебанк АГ», «Бангезелшафт Берлин«, «Коммерсбанк АГ» ва «Дерзднербанк» намояндагии худро дар мамлакати мо кушодаанд.

Дар рафти сӯҳбат дар қароргоҳи Оқсарой оид ба рушди минбаъдаи ҳамкории иқтисодӣ байни ду мамлакат мубодилаи афкор ба амал омад.

## Вусъати ҳамкорӣ

Президент Ислом Каримов ҷонишини Раиси Ҳукумати Федератсияи Россия Виктор Христенкоро пазируфт.

Дар рафти сӯҳбат муназзам инкишоф ёфтани ҳамкории иқтисодӣ байни ду мамлакат зикр ёфт. Ҷонибҳо зикр намуданд, ки ҳар ду давлат аз вусъати минбаъдаи миқёси равобит дар ин самт манфиатдор мебошанд.

Соли гузашта ҳаҷми муовизаи мол байни Ӯзбекистон ва Россия ба 1 миллиард доллари ИМА расид. Дар ҳар ду ҷониб имконияти зарурӣ дар бобати боз ҳам баланд бардоштани нишондиҳандаи мазкур мавҷуд аст. Ба ҷуз ин байни Ӯзбекистон ва Россия на танҳо ҳамкории иқтисодӣ, балки равобити фаъолонаи сиёсӣ, илмӣ, иҷтимоӣ ҳам ба роҳ монда шудааст. Ҳангоми вохӯрӣ муносибатҳои байни Ӯзбекистону Росия ва дигар масъалаҳое мавриди муҳокима қарор гирифтанд, ки ҷонибҳо ба он майлу шавқ доштанд.

**(ӮзА).**

## Бо маблағи фермер

Пункти духтурии деҳот дар деҳаи Оқ-Олтини ноҳияи Шаҳрихони вилояти Андиҷон аввалин мизоҷони худро пазируфт. Пункт хуб ҷиҳозонида шудаасту мутахассисони номдори соҳа ба фаъолият шурӯъ намуданд. Соҳиби беморхонаи доимии худ ва дорухона ҳам мебошад.

Як далелро алоҳида зикр кардан лозим меояд. Бинои пункти духтурии деҳот аз ҳисоби маблағи фермери маҳаллӣ Худомирзо Мӯъминов сохта шуду ӯ ин кошонаро тӯҳфаи хеш ба ҳамдеҳагон ба муносибати ёздаҳсолагии истиқлолияти ҷумҳурият медонад.

## Бунёди нави минтақавӣ

Дар меҳмонхонаи «Интерконтинентал»-и пойтахт Созишнома дар бораи ташкили бунёди ҷонибдории корхонаҳои хурди Осиёи Миёна ба имзо расид. Ба ҳуҷҷат Сафири Фавқулодда ва Мухтори ИМА дар Ӯзбекистон Ҷон Хёрбст, вакили Бонки умумиҷаҳонӣ дар Ӯзбекистон Дэвид Пирс ва намояндагони дигар ташкилотҳои байналхалқии иқтисодӣ имзо гузоштанд.

Бунёд аз ҷониби Котиботи давлатӣ оид ба масъалаҳои иқтисодии Швейтсария, Корпоратсияи байналхалқии молиявӣ ва Оҷонсӣ оид ба рушди байналхалқии ИМА таъсис ёфтааст. Маблағи оғозии оинномавии онро 8,6 миллион доллари ИМА ташкил медиҳад. Қисми зиёди маблағро Котиботи давлатӣ оид ба корҳои иқтисодии Швейтсария пешкаш кардааст.

Бунёд тавассути ҷудо кардани маблағ ба соҳибкории хурду миёна ба рушди иқтисодиёти давлатҳои минтақа саҳми муносиби худро мегузорад.

**Ш.МАТНАЗАРОВА,**
**мухбири ӮзА.**

*«Ӯзбекистон — Ватани ман»*

## Авлоди наврасе, ки ба оянда рӯ меоварад

Иди анъанавии суруди «Ӯзбекистон қӯшиқ байрами», ки ҳар сол таҳти унвони «Ӯзбекистон — Ватаним маним» гузаронда мешавад, алҳол дар вилоятҳо, низоми вазоратҳои мудофиаву дохила, дигар вазоратҳо, минҷумла байни мактабхону муҳассилини мактабҳои маълумоти олии ҷумҳурият гузаронда мешаваду ғолибонро муайян карда, ба марҳилаи ҷумҳурӣ роҳхат медиҳад.

Ва дар Қасри «Туркистон»-и Тошканд чунин ид дар байни муҳассилини донишкадаву донишгоҳҳои низоми Вазорати маълумоти оливу миёнаи махсус ба амал омад. Дар озмун намояндагон ва дастаҳои ҳаваскорони санъат аз 33 донишкада иштирок намуданд. Кори ҳакамот дар бобати муайян кардани ғолибон хеле душвору мураккаб гардид. Зеро маҳорати ҳаваскорони санъат то андозае афзуда буд.

Ҷои аввал ба овозхонони ҳаваскор аз Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тошканд ба номи Низомӣ аз рӯи иҷрои суруди «Юртга биздек авлод керак» якдилона дода шуд, ки ба қалами оҳангсоз А.Назаров мансуб буда, матнашро А.Обидҷон иншо кардааст. Се ҷои дуввумро байни худ ҷамоаҳои эҷодкори Донишгоҳи миллии Ӯзбекистон, Донишгоҳи давлатии Қароқалпоқистон ва Донишкадаи давлатии шарқшиносии Тошканд бо ҳам диданд. Ҷои сеюм насиби дастаҳои ҳунарии донишҷӯёни донишгоҳҳои давлатии Андиҷон, Қаршӣ, Тирмиз ва Донишкадаи молияи Тошканд гардид.

Мукофоти махсус ба суруди «Санъатим» дода шуд, ки ба хотираи оҳангсози машҳур, муаллифи Суруди Миллии Ӯзбекистон М.Бурҳонов бахшида шудааст. Суруди машҳур дар ҳамкории Шоири мардумии Ӯзбекистон А.Орипов ва оҳангсози номдор М.Бафоев офарида шуда, овозхони ҷавон Х.Ҳакимов онро моҳирона иҷро кард.

Баъди супурдани мукофотҳо иди ҳақиқии санъат ба амал омад. Дар иҷрои ғолибони озмун сурудҳои беҳтарини сол бахшида ба муҳаббат ба Ватан, кишвари маҳбубе садо доданд, ки дар солҳои истиқлолият асоси мустаҳками давлати нави демократии озодро ба вуҷуд овардааст.

Дар ин ҷо ҳамчунин маросими бо тӯҳфаҳои хотиравӣ тақдир гардидани беҳтарин ҷамоаҳои профессорону омӯзгорон ва омӯзгорони алоҳида барои комёбиҳояшон дар соҳаи ба рӯи об баровардани Барномаи миллии тайёркнии кадрҳо барпо гардид, ки таъсисгари он Вазорати маълумоти олӣ ва миёнаи махсус мебошад. Тӯҳфаву мукофотҳо аз рӯи номинатсияҳо ба Маркази давлатии тести назди Девони Вазирон — барои ба вуҷуд овардани низоми интихоби ҷавонони соҳибистеъдод, ба Донишгоҳи давлатии Бухоро — барои рушди варзиш дар байни донишҷӯён, ба кафедраи технологияи мошин ва таҷҳизоти Донишкадаи политехникии Фарғона, ки силсилаи дастурҳои таълимиро офаридааст, ба мудири кафедраи назарияи арзи амали Донишгоҳи давлатии Самарқанд С.Лақаев, ки дар бобати созмон додани китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ ба авлоди наврас саҳми калон гузоштааст, ҳамчунин ба коллеҷи касбу ҳунари сохтмон ва ҳунармандии халқӣ супурда шуданд, ки дар ҷумҳурият беҳтарин диниста, дар ноҳияи Собир Раҳимови шаҳри Тошканд арзи ҳастӣ мекунад.

Ид бо мутантан супурдани дипломҳо ба хатмкунандагони қобилиятноки донишкадаҳо ва коллеҷҳои касбу ҳунари Ӯзбекистон ба анҷом расид, ки имсол таҳсилро ба фарҷом расондаанд.

— Натиҷаҳои амалӣ гардондани шакли миллии тайёркунии кадрҳо, ки аз тарафи Президент Ислом Каримов таҳия гардидааст, ҳаётианду боэътимоданд,—гуфт вазири маълумоти олӣ ва миёнаи махсус С.Ғуломов.—Дар тӯли ин солҳо авлоди нави ҷавононе ба камол расиданд, ки соҳибистеъдоду бомаълумот ва аз нигоҳи маънавӣ бой мебошанд. Низоми худии таълим ба вуҷуд оварда шуд, ки раванди таҳсилу тарбия ба ҳам созгорӣ пайдо намудаанд. Фаъолият дар ин бобат давом дорад. Дар марҳалаи дуюми Барномаи миллии тайёркунии кадрҳо вазифаҳои беҳдошти сифат ва мазмуни таълим бо назардошти таҷрибаҳои беҳтарини ҷаҳонӣ гузошта шудаанд. Ҷавонони мо, ки ба сӯи оянда дилпурона қадам мепартоянд, насли наврасин бунёдкорон ба ҳисоб мераванду на танҳо соҳиби дониши баланди касбӣ, балки дар айни замон нерӯи бузурги маънавиро ба худ гирифтаанд. Ва муассисаҳои таълимӣ даъват гардидаанд, ки ана ҳамин равандро боз ҳам инкишоф диҳанду кадрҳои ҳам аз нигоҳи ҷисмонӣ ва ҳам маънавӣ баркамолро ба воя расонанд.

**Анна ИВАНОВА,**
**мухбири ӮзА.**

## Омодагӣ ба иди истиқлолият

Маҷлиси муштараки ҳайати Вазорати фарҳанги Ӯзбекистон ва иттиҳодияи эстрадии «Ӯзбекнаво» ба амал омад. Он таҳти сарпарастии вазири фарҳанг Х.Ҷӯраев гузашт.

Дар маҷлис масъалаи тайёрӣ ва гузарондани 11-солагии истиқлолияти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Иттилооти сардиректори иттиҳодияи эстрадии «Ӯзбекнаво», сарвари гурӯҳи корӣ оид ба тайёрӣ ва гузарондани ид Б.Абдураҳимов шунида шуд.

Чуноне ки зикр ёфт, иди мазкури фарҳунда ҳар сол дар мамлакатамон бо тантанаи умумихалқӣ қайд карда мешавад. Дар барномаҳои консертӣ баробари артистони касбӣ аз Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, шаҳри Тошканд ва вилоятҳо ҷамоаҳои ҳаваскорони санъат ҳам фаъолона иштирок мекунанд. Вале таҷрибаҳои солҳои гузашта нишон медиҳад, ки ҳини тайёрӣ ба барномаи идона як қатор вилоятҳо имкониятҳои мавҷудаи худро пурра истифода намебаранд.

Имсол низ тавассути телевизион тантанаҳои иди аз ҳама бузургу аз ҳама азизамон бевосита ба беш аз панҷоҳ мамлакати ҷаҳон намоиш дода мешавад. Аз ҳамин сабаб ба консерти идона мебояд маъмурияти ҷамоаҳои академиву мардумии назди Вазорати фарҳанг, иттиҳодияи «Ӯзбекрақс» ба номи М.Турғунбоева, тамоми ҷамоаҳои ҳунарварони низоми иттиҳодияи эстрадии «Ӯзбекнаво», ҷамоаҳои театрҳои иттиҳодияи эҷодиву истеҳсолии «Ӯзбектеатр», ситораҳои эстрада тайёрии ҷиддӣ бинанд. Ба ҷуз ин дар барномаҳои идона донишҷӯён ва муҳассилини мактабҳо ва муассисаҳои таълимии соҳаи фарҳанг ва санъат, низоми маълумоти оливу миёнаи махсус, таълими халқ иштирок менамоянд.

Аз вилоятҳо ҷамоаҳои эҷодкорони самти фолклориву этнографӣ ва эстрадӣ дошта ҳамчунин даъват карда мешаванд.

Дар маҷлиси муштараки ҳайатҳо зикр гардид, ки дар воситаҳои ахбори оммавӣ бозёфтҳои ба худ хоси бадей, дар айни замон камбудиҳои эҷодӣ оиди маҳорати иҷрогарии ҷамоаҳои ҳунарвароне рӯшан карда мешавад, ки ҳунарнамоии онҳо ба барномаи асосии қайдкунии ёздаҳсолагии ҷашни истиқлолиятамон дохил карда мешаванд.

Дар тадбир ҳамчунин фаъолияти Вазорати фарҳанг дар нимаи якуми соли кунун, масъалаҳои тайёрӣ ба ҷашнҳои 2700-солагии Шаҳрисабз, 70-солагии Нукус, ҳамчунин иҷрои Барномаи миллии тайёркунии кадрҳо дар муассисаҳои таълимии низоми вазорат, тадбирҳои иловагӣ оиди таҳкими заминаи моддиву техникии осорхонаҳои ҷумҳурият муҳокима гардиданд.

Дар маҷлис ҷонишини Нахуствазири Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ҳ.Кароматов суханронӣ намуд.

**Б.МАНСУРОВ,**
**мухбири ӮзА.**

## «Майдони Самарқанд» дар Вашингтон

**Ҷашнвораи ҳарсолаи мусиқиву этнографӣ, ки ҳамчун анъана дар Вашингтон ба амал меояд, имсол ба фарҳанг ва санъати халқхое бахшида шуд, ки қад-қади Роҳи Абрешим зиндагонӣ мекунанд. Шиори ҷашнвора: «Роҳи бузурги Абрешим: ҳамроҳшавии фарҳангҳо, ба вуҷуд овардани эътимод» буд.**

Вашингтониён ва меҳмонони сершумори пойтахти ИМА гувоҳ бар он гардиданд, ки дар яке аз кӯчаҳои асосии шаҳр-Хиёбони миллӣ дар шакли миниатура «Роҳи бузурги абрешим» инъикоси худро пайдо намуд.

Симоҳои ёдгориҳои таърихие, ки мамлакатҳои қад-қади роҳи қадимаи корвонгузарро акс кунонда буданд, дар ду канори хиёбон ҷойгир шуданд, ки аз бинои Капитолий ба сӯи ҳайкали Ҷорҷ Вашингтон мебурд. Ва он боиси диққат аст, ки дар маскани асосии хиёбони мазкур майдони Регистони асримиёнагӣ ҳам ҷо пайдо кард ва онро дар ин ҷо «Майдони Самарқанд» мегуфтаанд.

Маросими кушоиши ҷашнвора зебову назаррабо буд. Дар қатори меҳмонони фахрӣ—Котиби давлатии ИМА Колин Пауэлл, сенаторон Эдвард Кеннеди ва Сэм Браунбак, сарварони идораҳои дипломатие буданд, ки дар Вашингтон номнавис гардидаанд. Дар байни онҳо вакилони сершумори ташкилотҳои васоятгар ҳам нишаста буданд, ки ҷашнвораро аз нигоҳи молиявӣ ҷонибдорӣ кардаанд.

Нотиқон ҳангоми кушоиши он ба ғояи лоиҳаи фарҳангии «Роҳи бузурги абрешим» баҳои баланд доданд, ки он ба виоленченнавози машҳур Йо-Йо-Ма мансуб мебошад. Корҳои калоне ба забон гирифта шуданд, ки ҷамои Донишкадаи Смитсониан ба мақсади ба ҳаёт татбиқ кардани ғояи мазкур ба иҷро расондааст.

Дар хиёбони машҳури Вашингтон маҳорати худро қариб 400 нафар намояндагони санъати мусиқӣ, амаливу манзаравии мамлакатҳое намоиш доданд, ки дар қад-қади роҳи корвонгузар аз Ҷопон то Италиё ҷойгир шудаанд.

Ҳамин тариқ, яке аз вазифаи ин лоиҳаи умумибашарӣ-нишон додани нақши муҳими Роҳи бузурги Абрешим дар ғанӣ сохтани фарҳанги ҳамдигар ва ба ҳамдигар таъсир расондани Шарқу Ғарб ҳаллу фасли худро ёфт.

Дар павилонҳои миллӣ ва майдончаҳои кушод тамошогарон на танҳо ба баромадҳои мусиқӣ, балки ба намоиши зарфҳои аз лой дастӣ сохташуда, қолинҳо, маҳсулоти заргарӣ ва албатта, ба шоҳивор диққату эътибори калон доданд. Ба тамошогарон хонатлас хеле маъқул афтод, ки онро мусаввир ва усто аз Марғелон Давлат Умаралиев тайёр карда буд.

Аз Ӯзбекистон дар ҷашнвора ҳунармандони номдори ҷумҳурият-ҳунарварони халқии Ӯзбекистон Ҷӯрабек Набиев, Қизлархон Дӯстмуҳаммедова, арт — галереяи «Корвон», Маркази ҷумҳурии «Хамса» ва Театри ҷумҳурии лӯхтак иштирок намуданд. Тамошогарони сершумори ҷашнвора павилони мамлакати моро тамошо карда, ба санъати ба худ хоси Ӯзбекистон баҳои баланд доданд.

Ҷашнвора дар Вашингтон 7 июл кори худро ба анҷом расонд.

**Б.МАМАҶОНОВ,**
**ОИ «Ҷаҳон» шаҳри Вашингтон.**

*Шарҳи мо*

## Ғалла ризқу рӯзиамон

Имрӯзҳо дар ғаллазорҳои ҷумҳурият меҳнати зарбдорона ҳукм меронад. Тамоми воситаҳои техникӣ, қувваи корӣ ва имкониятҳо барои беталафу сари вақт ғундоштани ҳосили ғалладона нигаронда шудааст, ки ризқу рӯзиамон ба ҳисоб меравад.

Ба ҳамагон маълум аст, ки дар солҳои истиқлолият аз ҳисоби кам кардани пахтазор майдони ғалла сол то сол зиёд гардида, баробари ин хаҷми истеҳсоли ғалла ҳам пайваста вусъат меёбад. Соли кунун дар 1 миллиону 248,9 ҳазор гектар ғалла парвариш гардид, ки аз он 1 миллиону 69,5 ҳазор гектарашро заминҳои обёришаванда, яъне пахтазори пештара ташкил дод. Азбаски ғалла хуб парвариш карда, сари вақт озуқонида шуд, ҳосили фаровон рӯид ва ғаллакорони вилояти Сурхондарё дар ҷумҳурият аввалин шуда, фармоиши давлатии ғаллатайёркуниро иҷро карданд ва ба гирифтани муборакбодии сарвари давлатамон мушарраф гардиданд. Сурхондарёгиён аз ҳар гектар ба ҳисоби миёна 42 сентнерӣ ҳосил бардошта, ба анборҳои қабул қариб 225 ҳазор тонна ғалла супурданд. Андиҷониён бошанд, баробари ба вуҷуд овардани мактаби хоси ғаллакорӣ дар бобати тайёр кардани тухмӣ ва расонда додани он ба саросари ҷумҳурият, ҳамчунин афзун гардондани ҳосилнокии майдонҳо ҳам намунаи ибрат нишон медиҳанд. Дар вилоят аз ҳар гектар 76,6 сентнерӣ ҳосил бардошта шудааст ва хаҷми умумии тайёркунии ғалла аз 415 ҳазор тонна гузаштааст. Ва таҷрибаи андиҷониён дар бобати афзун гардондани ҳосилнокии майдонҳо боиси қайд асту ба омӯзиш месазад.

Дар бобати афзун гардондани хирмани умумии ҷумҳурият саҳми ғаллакорони вилоятҳои Қашқадарё, Фарғона, Намангон ва Самарқанду Бухоро ҳам калон аст. Зеро қашқадарёгиён 470 ҳазор тонна, фарғонагиён 460 ҳазор тонна, самарқандиён 346 ҳазор тонна, намангониён 282 ҳазор тонна ғалла тайёр намуда, аз ҷумлаи аввалинҳо ба марраи мурод расиданд. Меҳнаткашони дигар вилоятҳо, ки алҳол дар арафаи иҷрои нақшаи шартномавии ба давлат фурӯхтани ғалла мебошанд, низ ба хирмани бошукӯҳи Ӯзбекистон, ки он то аввали моҳи июл ба 3 миллиону 422 ҳазор тонна расидааст, саҳми арзандаи худро мегузоранд. Ҳоли ҳозир ғаллаи аз ҳар гектар бардошта ба ҳисоби миёна ба 40 сентнерӣ расидааст. Ҳол он ки то ҳамин давраи соли гузашта 3 миллиону 55,3 ҳазор тонна ғалла тайёр гардида, ҳосилнокӣ ба 29 гектар расида буд. Фарқи имсола аз соли гузашта аз ҳар гектар ба 11 сентнерӣ баробар аст ва гувоҳӣ медиҳад, ки дастархонамон аз ин ҳам фаровон мегардад.

Дар айни замон дар 180 ҳазор гектар майдон ғалла даравида нашудааст ва пешгӯиҳо тасдиқ мекунанд, ки агар ҳосили ин майдонҳо ҷамъ оварда шавад, дар он сурат хаҷми умумии тайёркунии ғалла аз 4 миллион тонна хоҳад гузашт. Ва он дар бобати афзун гардидани ҳосилнокии ғалла аз ҳар гектар мусоидат хоҳад намуд.

Бояд тазаккур дод, ки дар ҷумҳуриятамон мактаби ба худ хоси ғаллакорон ба вуҷуд оварда шуд. даҳҳо зарбдорони соҳаро ба забон гирифтан мумкин аст, ки аз ҳар гектар 90-100 сентнерӣ ва аз он ҳам зиёдтар ғалла бардоштаанд. Онҳо ин натиҷаро самараи ислоҳот, ба вуҷуд овардани тухмии ба иқлиму хокамон хосу мос, соҳиби ҳақиқии худро ёфтани замину амвол ва аз ҳама муҳимаш ба таҷрибаи деҳқонӣ такя намуда, пеш бурдани корҳо мепиндоранд.



**Дар сурат:** сарвари хоҷагии фермерии «Баҳор»-и ноҳияи Бӯкаи вилояти Тошканд **Холбой Ҷумъабоев**.Ӯ аз ҳар гектар 45 сентнерӣ ҳосил бардоштааст.

**Аксбардор:Турғунбек МАҲКАМОВ.**

## Ғаллаи Навоӣ

Ғаллакорони вилояти Навоӣ фармоиши давлатиро оид ба тайёркунии ғалла ба иҷро расонданд. Аз ҳар гектар ба ҳисоби миёна 40 сентнерӣ ҳосил ғундошта, ба анборҳои қабул беш аз 87 ҳазор тонна ғалла супурда шуд. Баробари ин беш аз панҷ ҳазор тонна ғаллаи тухмӣ захира гардид.

Ҷорӣ кардани технологияҳои замонавӣ дар кишоварзӣ, интихобан коштани навъҳои серҳосилу тезпаз, пурзӯр гардондани ҳисси амволдорӣ ва ҳӯҷаинӣ нисбати замин дар оилаҳои пудратчӣ ва хоҷагиҳои фермерӣ омили асосии муваффақият гардид.

Ғаллакорони ноҳияҳои Конимех, Навоӣ, Хатирчӣ, Қизилтеппа аз ҳар гектар 40-45 сентнерӣ ҳосил бардошта, ба хирмани вилоят саҳми арзандаи худро гузоштанд. Хоҷагиҳои фермерӣ, аз қабили «Ӯзбекистон», «Лочин», «Сардор» аз ҳар гектар 80-85 сентнерӣ ғалла бардоштанд.

Дар вилоят дарави ғалла давом дорад ва ғаллакорон аз паи ба давлат фурӯхтани боз 1,5 ҳазор тонна ғалла мебошанд.

**(Мухбири худамон).**

## Мутахассисон такягоҳи Ватананд

Дар Донишкадаи саноати бофандагӣ ва сабуки Тошканд маросими супурдани дипломҳо ба магистрҳои хатмкунанда ба амал омад.

Донишкадаи мазкур дар Осиёи Марказӣ ягона буда, кадрҳоро асосан ба саноати сабук, бофандагӣ ва пахтатозакунӣ тайёр мекунад. Имрӯзҳо талаб ба чунин кадрҳо дар мамлакатамон калон мебошад. Дар айёми шӯравӣ дар мамлакати мо ҳамагӣ чор корхонаи калонтарини соҳаи бофандагӣ буд. Шумораи онҳо алҳол аз даҳҳо адад гузаштааст. Оқибат беш аз 20 фоизи нахи пахта дар мамлакатамон ба маҳсулоти тайёр мубаддал мегардад. Нах ва маҳсулоте, ки аз он гирифта мешавад, ҳоли ҳозир ба беш аз 100 давлат ба содирот мебарояд.

Дар оянда ба газвор ва дигар маҳсулот мубаддал сохтани панҷоҳ фоизи нахи пахта ва аз ҳисоби ба содирот баровардани он то 1,5 миллиард доллари ИМА даромад гирифтан пешбинӣ гардидааст. Аз ҳамин сабаб идораи корхонаҳои муштараке, ки бо технологияҳои замонавӣ муҷаҳҳаз мебошанд, бо кадрҳои баландмалака таъмин кардани онҳо яке аз вазифаҳои умда ба ҳисоб меравад.

Донишҷӯёне, ки дар донишкадаи мазкур таҳсили илм мегиранд, магистрҳо, таҷрибаомӯзон, ҳамчунин профессорон ва омӯзгорон малакаи худро дар мамлакатҳои аз нигоҳи иқтисодӣ хеле мутараққӣ баланд бардошта, дар анҷуманҳои байналхалқӣ фаъолона ширкат меварзанд. Донишкадаи саноати бофандагиву сабуки Тошканд бо бисёр ташкилотҳои байналхалқие, ки ба маълумоти олӣ мадад мерасонанд, донишкадаҳои маълумоти олии хориҷа ҳамкории босамарро ба роҳ мондааст.

Дар тадбири мутантан ба 93 магистр—хатмкардагони донишкада дипломҳоро вазири маълумоти оливу миёнаи махсус С.Ғуломов супурд.

**(ӮзА).**

Қонуни Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

# ДАР БОРАИ ФАЪОЛИЯТИ СУҒУРТАВӢ

**Моддаи 1. Мақсади Қонуни мазкур**

Мақсади Қонуни мазкур танзими муносибатҳо дар соҳаи фаолияти суғуртавӣ мебошад.

**Моддаи 2. Қонунгузорӣ дар бораи фаъолияти суғуртавӣ**

Қонунгузорӣ дар бораи фаъолияти суғуртавӣ аз Қонуни мазкур ва дигар санадҳои қонунгузорӣ иборат аст.

Агар шартномаҳои байналхалқии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон нисбат ба он ки қонунгузории Ҷумҳурияти Ӯзбекистон дар бораи фаъолияти суғуртавӣ дигар қоидаҳоро пешбинӣ карда бошанд, дар он сурат қоидаҳои шартномаҳои байналхалқӣ истифода мегарданд.

**Моддаи 3. Суғурта ва фаолияти суғуртавӣ**

Суғурта ҳифзи манфиатҳои шахсони ҳуқуқӣ ва ё ҷисмонӣ бо роҳи ба онҳо мувофиқи шартномаи суғурта додани товони суғуртавӣ (маблағи суғурта) аз ҳисоби бунёдҳои маблағҳое мебошад, ки аз ҳисоби мукофотҳои суғуртавии онҳо диҳанда ба вуҷуд меоянду ҳангоми сар задани воқеаи муайян (ҳодисаи суғуртавӣ) дода мешавад.

Фаъолияти суғуртавӣ фаъолияти иштирокдорони касбии бозори суғуртавӣ мебошад, ки бо амалӣ гардондани суғурта вобастагӣ дорад.

**Моддаи 4. Соҳаҳо ва намудҳои (классҳои) суғурта**

Суғурта ба чунин соҳаҳо тақсим мегардад:

суғуртаи ҳаёт (суғуртаи манфиатҳое, ки бо ҳаёт, тандурустӣ, қобилияти меҳнатӣ ва таъминоти пулии шахсони ҷисмонӣ, ки мӯҳлати ҳаддии суғурта аз рӯи шартнома як солро ташкил медиҳад ва дар худ як бор ва марҳила ба марҳила додани маблағи суғуртавиро таҷассум гардондаасту фоизи афзояндаро мувофиқи шартномаи аҳду паймонгардида дар бар гирифтааст) аннуитетҳо);

суғуртаи умумӣ (суғуртаи инфиродӣ, амволӣ, суғуртаи ҷавобгарӣ ва дигар намудҳои суғуртае, ки ба соҳаи суғуртаи ҳаёт алоқаманд нестанд).

Мувофиқи хусусиятҳои умумии таваккалкории суғуртавӣ ва ё гурӯҳӣ ва ӯҳдадориҳои соҳаи суғуртавии ба онҳо алоқаманд ба намудҳо (классҳои) суғурта тақсим мегарданд. Намудҳои (классҳои) суғуртаро Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон муайян мекунад.

**Моддаи 5. Субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ**

Субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ иштирокдорони касбии бозори суғуртавӣ мебошанд.

Иштирокдорони касбии бозори суғуртавӣ суғуртакунандагон, миёнаравони суғуртавӣ ва дигар шахсони ҳуқуқиву ҷисмонӣ мувофиқи қонунгузорӣ мебошанд.

Миёнаравони суғуртавӣ брокери суғуртавӣ, брокери аз нав суғуртакунанда ва агенти суғуртавӣ ба ҳисоб мераванд.

**Моддаи 6. Суғуртакунанда**

Суғуртакунанда шахси ҳуқуқие эътироф карда мешавад, ки мувофиқи шартномаи суғуртавӣ ӯҳдадории ҳатман додани маблағи товони суғуртавиро (маблағи суғуртавиро) ба зимма мегирад.

Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад тадбирҳоро оид ба пешгирӣ кардан ва огоҳ сохтани сар задани ҳодисаи суғуртавӣ мувофиқи тартибе ва шартҳое бо маблағ фаро гирад, ки мақомоти махсусан ваколатдоргардидаи давлатӣ муайян кардааст.

Суғуртакунандагон бо фаъолияти тадбиргарие, ки ба амалӣ гардондани суғуртакунӣ бевосита алоқаманд нестанд, ба ғайр аз ин мавриде шуғл варзида наметавонанд:

фаъолияти сармоягузорӣ мувофиқи тартибе ва шартҳое, ки мақомоти махсуси ваколатдоргардидаи давлатӣ муайян кардааст;

фаъолияте, ки бо баланд бардоштани малакаи мутахассисон дар соҳаи суғурта алоқаманд ҳастанд;

миёнаравии суғуртавӣ ба сифати агенти суғуртавӣ.

**Моддаи 7. Брокёри суғуртавӣ**

Брокёри суғуртавӣ шахси ҳуқуқист, ки фаъолиятро оид ба ташкили ба имзо расондан ва иҷрои шартномаҳои суғуртавӣ аз ном ва супориши суғуртакунанда амалӣ мегардонад.

Фаъолияти брокёри суғуртавӣ бо дигар намудҳои фаъолият дар соҳаи суғурта, ба ғайр аз фаъолияти брокёрӣ аз нав суғуртакунанда якҷоя бурданаш мумкин нест.

**Моддаи 8. Брокёри аз нав суғуртакунанда**

Брокёри аз нав суғуртакунанда шахси ҷисмонӣ буда, фаъолиятро оид ба ташкили ба имзо расондан ва иҷрои шартномаи азнавсуғуртакунӣ аз ном ва супориши суғуртакунандае амалӣ мегардонад, ки аз рӯи шартномаи азнавсуғуртакунӣ ба сифати суғуртакунанда баромад мекунад.

**Моддаи 9. Агенти суғуртавӣ**

Агенти суғуртавӣ шахси ҳуқуқӣ ва ё ҷисмонӣ буда, фаъолиятро оиди ташкили ба имзо расондан ва иҷрои шартномаи суғуртавӣ аз ном ва супориши суғуртакунанда амалӣ мегардонад.

Агенти суғуртавӣ наметавонад сарвари мақомоти идораи суғуртакунанда бошад.

Суғуртакунандагон ӯҳдадоранд реестри агентҳои суғуртавии онҳо ваколатдоркардаро ҷорӣ кунанд.

**Моддаи 10. Мақомоти махсусан ваколатдоргардида**

Танзим ва назорати фаъолияти суғуртавиро мақомоти махсусан ваколатдоргардидаи давлатӣ амалӣ мегардонад, ки Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон муайян мекунад.

Мақомоти махсусан ваколатдоргардидаи давлатӣ:

меъёрҳои пардохтӣ ва тартиби муайянкунии он, равиши аз ҷониби суғуртакунанда ҷудокардани ҳаҷми ҳаддии рухсатдодашавандаро аз рӯи ӯҳдадориҳои суғуртакунанда мувофиқи намудҳои ҷудогонаи таваккалкорӣ ва ҳаҷми умумии ӯҳдадориҳо, тартиб ва мӯҳлати пешкаш кардани иттилоот аз рӯи қобилияти пардохтии суғуртакунанда муқаррар мекунад, ки барои иҷро ҳатмӣ мебошад;

аз тарафи иштирокдорони касбии бозори суғурта риоя намудани қонунгузории фаъолияти суғуртавӣ, таъмини меъёрҳои муқарраргардидаи қобилияти пардохтӣ ва дигар талаботро ба устувории молиявӣ назорат мекунад;

фаъолияти суғуртавии суғуртакунандагон ва брокёрҳои суғуртавиро ба рухсатнома фаро мегирад;

тартиби пеш бурдани ҳисобу китоб, тартиб додани ҳисоботро оиди ба вуҷуд овардан ва ҷойгир сохтани маблағҳои захираҳои суғуртавии суғуртакунандагон муқаррар мекунад;

талаботи касбиро нисбати сарварони мақомоти иҷроия ва сармуҳосиби суғуртакунанда муқаррар мекунад, ки барои иҷро ҳатмӣ мебошад;

шакл, тартиб ва мӯҳлати пешкаш кардани ҳисоботи молиявии суғуртакунандаро муқаррар месозад;

мувофиқи қонунгузорӣ тафтиши фаъолияти иштирокдорони касбии бозори суғуртаро амалӣ мегардонад ва тавсияҳоро дар бобати барҳам задани қонуншиканиҳо медиҳад, ки иҷрояшон ҳатмӣ мебошад;

мувофиқи тартиби муқарраркардаи қонунгузорӣ, арзи амали рухсатномаи суғуртакунанда ва брокёри суғуртаро пурра бозмедорад, ва ё нисбати намудҳои (классҳои ҷудогонаи суғуртавӣ), ҳамчунин арзи амали онҳо чораҳо мебинад;

дар тӯли шаш моҳи баъди ба анҷом расидани ҳар соли молиявӣ ҳисоботро дар бораи фаъолият оид ба танзим ва назорат аз болои фаъолияти суғуртавӣ, ҳамчунин маълумотҳои омориро дар бораи фаъолияти бозори суғуртавӣ дар тӯли соли молиявӣ чоп мекунонад;

дигар ваколатҳоро мувофиқи қонунгузорӣ амалӣ мегардонад.

Мақомоти махсусан ваколатдоргардидаи давлатӣ ва коркунони он ҳуқуқ надоранд дар бунёди оинномавӣ ва дар мақомоти идораи иштирокдорони касбии бозори суғурта иштирок намоянд ва ба сифати миёнарави суғуртавӣ арзи ҳастӣ кунанд.

**Моддаи 11. Созмон додан ва номнавискунии давлатии суғуртакунандагон**

Суғуртакунандагон мувофиқи шаклҳои ташкиливу ҳуқуқие созмон дода мешаванд, ки санадҳои қонунгузорӣ пешбинӣ кардаанд.

Номнавискунии давлатии суғуртакунандагонро Вазорати адлияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон мувофиқи тартибе амалӣ мегардонад, ки Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон муқаррар кардааст.

**Моддаи 12. Бунёди оинномавии суғуртакунандагон**

Ҳаҷми ҳадди ақали бунёди оинномавии суғуртакунандагонро Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон муайян мекунад.

Камаш навад фоизи бунёди оинномавии суғуртакунандагон аз ҳисоби маблағҳои муассисон (иштирокдорон) ба вуҷуд оварда мешавад.

Барои ба вуҷуд овардани бунёди оинномавии суғуртакунандагон истифода бурдани маблағҳое, ки ба сифати вом, гарав гирифта шудаанд ва дигар маблағҳои ҷалбкунанда роҳ гузошта намешавад.

Бунёди оинномавии суғуртакунанда аз тарафи муассисони он дар давраи гирифтани рухсатнома дода шавад.

**Моддаи 13. Талаб нисбати номгузории фирмагии суғуртакунандагон**

Дар номгузории фирмавии суғуртакунанда ба истифода бурдани нишонҳое, ки якхелаанду пештар истифода гардидаанд ва ё бо номҳои пештараи суғуртакунандагон омехта гардидаанд, ба ғайр аз номгузории бахшҳои суғуртакунандагон, ҳамчунин суғуртакунандагоне, ки бо дигар суғуртакунандагон дар шакли корхонаи унитарӣ созмон додаанд, роҳ гузошта намешавад.

**Моддаи 14. Тағйир додани номгузории фирмавӣ, шакли ташкиливу ҳуқуқӣ ва ё маҳали воқеи суғуртакунанда**

Дар мавриди тағйир ёфтани номгузории фирмавӣ, шакли ташкиливу ҳуқуқӣ, маҳалли воқеи суғуртакунанда вай ӯҳдадор аст дар ин бора маълумотро ба суғурташавандагон тавассути воситаҳои ахбори оммавӣ, агар дар дасти он барои иҷрои шартномаи суғуртавӣ ба зиёда аз як сол бошад, дар шакли хаттӣ хабардор созад.

**Моддаи 15. Бо рухсатномафарогирии фаъолияти суғуртавӣ**

Фаъолияти суғуртавии суғуртакунандагон ва брокёрҳои суғуртавӣ дар пойгоҳи рухсатномае амалӣ гардонда мешавад, ки мақомоти махсусан ваколатдорнамудаи давлатӣ мувофиқи тартибе медиҳад, ки Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон муқаррар сохтааст.

Рухсатнома ба суғуртакунанда барои амалӣ гардондани фаъолияти суғуртавӣ ва ё дар соҳаи суғуртаи ҳаёт ва ё соҳаи суғуртаи умумӣ дода мешавад. Суғуртакунандае, ки фаъолияти суғуртавиро дар соҳаи суғуртаи ҳаёт амалӣ мегардонад, барои амалӣ гардондани фаолияти суғуртавӣ дар соҳаи суғуртаи умумӣ, бар ғайр аз намудҳои (классҳои) ҷудогонаи соҳаи суғуртаи умумӣ ҳуқуқ надорад, ки Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон муқаррар кардааст. Суғуртакунандае, ки фаъолияти суғуртавиро дар соҳаи суғуртаи умумӣ амалӣ мегардонад, барои амалӣ гардондани фаъолияти суғуртавӣ дар соҳаи суғуртаи ҳаёт ҳуқуқ надорад.

Дар рухсатнома намудҳои (классҳои) суғурта нишон дода мешавад, ки суғуртакунанда амалӣ гардондани онро пешбинӣ кардааст.

**Моддаи 16. Махсусияти боздоштани арзи амали рухсатномаи суғуртакунанда**

Боздоштани арзи амали рухсатномаи суғуртакунанда маънои манъкунии ба имзо расондани шартномаҳои нави суғуртавиро аз тарафи он, ҳамчунин дароз кардани шартномаи амалкунандаи суғуртавиро дорад.

Ҳини он суғуртакунанда ӯҳдадор аст мувофиқи тартиби муқаррааргардида ӯҳдадориҳои ба зиммаи худ гирифтаро аз рӯи шартномаи пештар қабулгардидаи суғуртавӣ иҷро намояд.

**Моддаи 17. Махсусияти қатъ ёфтани арзи амали рухсатномаи суғуртакунанда**

Аз рӯзи беэътибор донистани рухсатнома дар тӯли панҷ рӯз мақомоти махсусан ваколатдоргардидаи давлатӣ ба суд бо ариза дар бораи барҳам задани суғуртакунанда мувофиқи тартиби муқарраркардаи қонунгузорӣ муроҷиат мекунад.

Ваколати мақомоти пештар амалкунандаи идораи суғуртакунанда боздошта мешавад ва ба маъмурияти муваққатии суғуртакунандае мегузарад, ки мақомоти махсусан ваколатдоргардида давлатӣ таъин намудааст. Маъмурияти муваққатӣ фаъолияти худро то давраи баровардани қарори суд амалӣ мегардонад.

Ҳисоботи маъмурияти муваққатии суғуртакунанда ба мақомоти махсусан ваколатдоргардидаи давлатӣ ва суде пешкаш карда мешавад, ки аризаи мақомоти махсусан ваколатдоргардидаи давлатӣ дар бораи барҳамзании суғуртакунанда ирсол гардидааст.

Дар давраи фаъолияти худ маъмурияти муваққатии суғуртакунанда ба амалӣ гардондани ҷараёнҳои хароҷотӣ, ба ғайр аз мавридҳое, ки бо хароҷоти идораи (хароҷотҳои маъмурии) суғуртакунанда алоқаманд ҳастанд, ба ҳисоб гирифтани маблағи ба суғуртакунанда воридгардида ва амалӣ гардондани додани товони суғуртавӣ (маблағи суғуртавӣ) аз рӯи шартномаҳои суғуртавии пештар ба имзорасида, ки аз рӯи он ҳодисаҳои суғуртавӣ сар задааст, ҳуқуқ надорад.

Тартиби кори маъмурияти муваққатии суғуртакунандаро мақомоти махсусан ваколатдоргардидаи давлатӣ муайян мекунад. Нуктаҳои моддаи мазкур ба ҳодисаҳои қатъ ёфтани рухсатнома аз рӯи аризаи суғуртакунанда, ҳамчунин дар мавриди аз нав ташкил ёфтан ва ё барҳам задани он мувофиқи қарори муассисон (иштирокдорон) ва ё мақомоти идораи суғуртакунанда, ки ба ҳамон ҳуҷҷатҳои муассисӣ ваколатдор кунонда шудааст, дахл надорад.

**Моддаи 18. Махсусияти азнавташкилдиҳии суғуртакунанда**

Азнавташкилдиҳии суғуртакунанда дар шакли ба ҳам омезиш ёфтан, ҳамроҳ гардидан, тақсим шудан, ҷудо шуда баромадан, азнавташкилёбӣ метавонад мувофиқи қарори мақомоти махсуси ваколатдоргардидаи давлатӣ ба рӯи об барояд.

Барои гирифтани рухсатнома ба азнавташкилёбӣ баробари аризаи дахлдор ба мақомоти махсусан ваколатдоргардидаи давлатӣ суғуртакунанда ҳуҷҷатҳои зеринро пешкаш мекунад:

қарори муассисон (иштирокдорон) ва ё мақомоти идораи суғуртакунанда, ҳуҷҷатҳои муассисаи ба азнавташкилдиҳӣ ваколатдоргардида;

баланси суғуртакунандаи созмондодашаванда ва пешгӯиҳои натиҷаҳои молиявии фаъолияти он;

лоиҳаи шартномаи ба ҳам омезишёбӣ ва ё ҳамроҳшавӣ (ҳини азнавташкилёбӣ дар шакли омехташавиву ҳамроҳшавӣ).

Ариза дар бораи амалӣ гардондани азнавташкилёбии суғуртакунанда бояд аз тарафи мақомоти махсусан ваколатдоргардидаи давлатӣ баъди понздаҳ рӯзи пешкаш кардани ҳуҷҷатҳои зарурӣ баррасӣ гардад. Мақомоти махсусан ваколатдоргардидаи давлатӣ ӯҳдадор аст дар шакли хаттӣ суғуртакунандаро аз хусуси қарори қабулгардида бохабар созад.

Мақомоти махсусан ваколатдоргардидаи давлатӣ барои додани рухсатнома оиди азнавташкилёбии суғуртакунанда дар ин мавридҳо ҳуқуқ дорад, агар:

дар натиҷаи азнавташкилёбӣ суғуртакунанда метавонад талабро нисбати устувории молиявии суғуртакунандаи аз нав созмондиҳанда халалдор созад;

амалӣ гардондани азнавташкилёбии суғуртакунанда метавонад боиси маҳдуд сохтан ва барҳам ёфтани рақобат дар бозори суғурта гардад;

дар ҳуҷҷатҳои пешкашгардида барои додани рухсатнома оиди азнавташкилдиҳии суғуртакунандагон маълумотҳои нодуруст мавҷуданд ва ё ҳуҷҷатҳои мазкур ба қонунгузорӣ мутобиқат накардаанд;

азнавташкилёбии суғуртакунандагон бар хилофи қонунгузорӣ бошанд.

Ҳини азнавташкилёбӣ дар шакли омехташавӣ, ҷудокунӣ, тақсимнамоӣ, азнавташкилёбӣ арзи амали рухсатномаи суғуртавӣ (суғуртакунандагон) қатъ меёбад. Додани рухсатнома ба муасссисаи азнавсозмонёбанда, ки дар натиҷаи азнаташкилёбии суғуртакунандагон ба амал омадааст, мувофиқи тартиби соддагардондашуда ба рӯи об баровардa мешавад. Ҳангоми амалӣ гардондани азнавташкилёбӣ дар шакли омезиш ёфтан, тақсимшавӣ, ҷудо гардидан ва азнавташкилёбӣ ва то рӯзи гирифтани рухсатномаи суғуртакунандаи азнавсозмонёбанда онҳо барои ба имзо расондани шартномаи суғуртавӣ, дароз кардани мӯҳлати шартномаҳои мавҷудаи суғуртавӣ, ба ғайр аз ӯҳдадориҳои ба зиммаи худ гирифта мувофиқи шартномаи суғуртавии пештар ба имзорасида, ҳамчунин ба вай мувофиқи тартиби ворисӣ гузашта ҳуқуқ надоранд.

Ҳини азнавташкилёбӣ дар шакли ҳамроҳ гардидан, дар суғуртакунандае, ки ба вай дигар суғуртакунанда ҳамроҳ мегардад, арзи амали рухсатномае нигоҳ дошта мешавад, ба шарте ки дар натиҷаи ҳамроҳшавӣ шартҳои рухсатнома тағйир наёбанд.

**Моддаи 19. Махсусияти барҳамзании суғуртакунанда**

Ҳини барҳам задани суғуртакунанда мувофиқи қарори муассисон (иштирокдорон) ва ё мақомоти идораи суғуртакунандае, ки ба он ҳуҷҷатҳои таъсисии он ваколатдор карда шудааст, рухсатномаи мақомоти махсусан ваколатдоргардидаи давлатӣ талаб карда мешавад.

Баъди аз тарафи муассисон (иштирокдорон) ва ё мақомоти доираи суғуртакунандае, ки ба он ҳуҷҷатҳои таъсисии он ваколатдор гардидааст, қабул гардидани қарор дар бораи барҳамзании суғуртакунанда ба мақомоти махсусан ваколатдоргардидаи давлатӣ бо аризаи хаттӣ барои гирифтани рухсатнома дар бобати барҳамзанӣ баробари ин ба он замъ намудани чунин ҳуҷҷатҳо муроҷиат мекунанд:

қарор дар бораи барҳамзании суғуртакунанда;

маълумотҳо дар бораи ӯҳдадориҳо;

ҳисоботи балансӣ аз хусуси санаи қабул дар бораи барҳамзании суғуртакунандае, ки бо хулосаи аудиторӣ тасдиқ гардидааст;

нақшаи барҳамзании суғуртакунанда баробари нишон додани мӯҳлат ва шартҳои барҳамзанӣ.

Ариза дар бораи гирифтани рухсатнома оиди барҳамзании суғуртакунандаро бояд мақомоти махсусан ваколатдоргардидаи давлатӣ дар тӯли даҳ рӯзи баъди гирифтани ҳуҷҷатҳои зарурӣ баррасӣ намояд.

Мақомоти махсусан ваколатдоргардидаи давлатӣ ӯҳдадор аст хаттӣ суғуртакунандаро аз хусуси қарори қабулгардида бохабар созад.

Баробари рухсатнома ба барҳамзании суғуртакунанда мақомоти махсусан ваколатдоргардидаи давлатӣ ҳуқуқ дорад ба нақши пешкашгардидаи барҳамзании суғуртакунанда тағйиротҳоро дарорад.

Мақомоти махсусан ваколатдоргардидаи давлатӣ ҳуқуқ дорад ба додани рухсатнома ба барҳамзании суғуртакунанда дар ин мавридҳо ҷавоби рад диҳад, агар:

дар натиҷаи барҳамзанӣ ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии суғурташавандагон ва вомдиҳандагони суғуртакунанда халалдор гардад;

дар ҳуҷҷатҳои пешкашгардида барои додани рухсатномаи барҳамзании суғуртакунанда маълумотҳои ноэътимод ҷой доранд ва ё онҳо ба қонунгузорӣ мувофиқат намекунанд.

**Моддаи 20. Навбатдорӣ ҳангоми қонеъ гардондани талабҳои вомдиҳандагони суғуртакунандагони барҳамзананда**

Талабҳои вомдиҳандагони суғуртакунандаи барҳамзананда баъди додани хароҷотҳои алоқаманди қонуну қоидаи барҳамзанӣ, ҳамчунин хароҷотҳое, ки аз зарурати таъмини вазифаҳои асосии суғуртакунандаи барҳамзананда ҳосил мегардад, дар шакли зерин қонеъ гардонда мешавад:

дар навбати аввал – талаби суғурташавандагон аз рӯи шартномаҳои суғуртаи ҳатмӣ дар соҳаи суғуртаи ҳаёт;

дар навбати дуюм – талабҳои суғурташавандагон аз рӯи дигар шартномаҳои суғуртаи ҳатмӣ;

дар навбати сеюм – талаби дигар суғурташавандагон (фойдагирандагон);

дар навбати чорум – талабҳо нисбати ҳуҷҷатҳои пардохтӣ (иҷроия), ки пардохтро ба буҷа ва бунёдҳои ғайрибуҷавӣ пешбинӣ кардаанд. Баъди пурра қонеъ гардондани талабҳои номбаргардида талабҳои суғуртаи иҷтимоӣ ва талабҳои шаҳрвандон оид ба баровардани қусури зарар, ки ба амволи вай бо қонуншикании ҷиноӣ ва ё маъмурӣ расонда шудааст, иҷро карда мешаванд;

дар навбати панҷум – талабҳои вомгузорони дигари суғуртакунандагон.

**Моддаи 21. Захираҳои суғуртавии суғуртакунандагон**

Барои таъмини иҷрои ӯҳдадориҳои суғуртавии ба зимма гирифта суғуртакунандагон аз мукофотҳои суғуртавии бо сӯм ва асъори хориҷӣ гирифтаашон захираҳои суғуртавиро мувофиқи тартиб ва шартҳое ба вуҷуд меоваранду ҷойгир месозанд, ки мақомоти махсусан ваколатдоргардидаи давлатӣ муқаррар кардааст.

Активҳои суғуртакунанда, ки ба захираҳои суғуртавии он мувофиқат мекунанд, ба кашида гирифтан мансуб нест.

**Моддаи 22. Кафолатҳо ба қобилияти пардохтии суғуртакунандагон**

Суғуртакунандагон ба зиммаи худ ӯҳдадориҳоеро, ки аз ҳаҷми ҳадди роҳдодашаванда аз рӯи таваккалкории ҷудогона зиёд аст ва ҳаҷми ҳаддии умумии роҳдодашавандаи ӯҳдадориҳо, ба ғайр аз мавридҳое, ки иқтидори онҳо барои ба иҷро расондани ӯҳдадориҳои мазкур мувофиқи меъёрҳои муқаррааргардидаи қобилияти пардохтӣ ва ё дигар талабҳои устувории молиявӣ пурра аз нав бо суғурта фаро гирифта бошад, гирифта наметавонанд.

Суғуртакунандагон – резидентҳои Ҷумҳурияти Ӯзбекистон мувофиқи тартиби муқаррааргардида ба аз нав суғуртакунии ӯҳдадориҳои худ берун аз ҳудуди Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ҳуқуқ доранд.

**Моддаи 23. Махсусияти ҳисоби муҳосибии суғуртакунандагон**

Суғуртакунандагон, брокёрҳои суғуртавӣ ва брокёрҳои аз нав суғуртакунанда ҳисоботи муҳосибиро мувофиқи қонунгузорӣ бо назардошти махсусияте ба роҳ мемонанд, ки мақомоти махсусан ваколатдоргардидаи давлатӣ муқаррар кардааст.

**Моддаи 24. Роҳ нагузоштан ба фаъолияти инҳисоротӣ**

Ба фаъолияте, ки ба маҳдуд сохтан ва ё барҳамзадани рақобат дар бозори суғурта, пешкаш кардан ва гирифтани бартарияти ғайриасосноки як суғуртакунанда дар назди дигараш алоқаманд мебошад, паст задани ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қонунии суғурташавандагон ва ё дигар шахсон нигаронда шудааст, роҳ гузошта намешавад.

Ба суғуртакунандагон ва миёнаравҳои суғуртавӣ истифода бурдани ассотсиатсияҳои (иттиҳодҳои) худ ва дигар иттиҳодияҳо барои ба даст овардани созишномаҳое роҳ гузошта намешавад, ки ба инҳисоротии бозори суғуртавӣ нигаронда шудааст.

**Моддаи 25. Ҳуқуқҳо барои гирифтани иттилоот**

Мақомоти ҳифзи қонуну тартибот, судҳо, ҳамчунин муассисаву ташкилотҳои тиббӣ, обуҳавосанҷӣ, ветеренарӣ, тадқиқи заминҷунбӣ ва дигар ташкилотҳо ӯҳдадор ҳастанд мувофиқи талаби суғуртакунандагон ҳуҷҷатҳо ва хулосаҳоеро пешкаш кунанд, ки барои ҳаллу фасли масъалаҳо оиди сабабу ӯҳдадориҳои сар задани ҳодисаҳои суғуртавӣ ва дар бораи зарари расондашуда ба мақсади муайян кардани ҳаҷмҳои товони суғуртавии суғуртакунандагон алоқаманд ҳастанд.

Мақомоти махсусан ваколатдоргардидаи давлатӣ ҳуқуқ дорад иттилоотро аз суғуртакунандагон ва ё брокёрҳои суғуртавӣ дар хусуси ҳаҷмҳои маблағ ва ӯҳдадориҳои қабулгардида, ҳамчунин дигар иттилоотро дар ҳадди ваколати худ талаб карда гирад. Талаб нисбати иттилоот бояд дар шакли хаттӣ баробари нишон додани сабаби он пешкаш гардад.

Мақомоти махсусан ваколатдоргардидаи давлатӣ ӯҳдадор ҳастанд, ки сир нигоҳ доштанро нисбати иттилооти гирифтаашон, ба ғайр аз мавридҳое, ки ошкор сохтани иттилоот мувофиқи қонунгузорӣ мумкин аст, таъмин созанд.

**Моддаи 26. Сирҳои суғуртавӣ**

Маълумотҳо дар хусуси суғуртакунандагон, шахсони бо суғуртафарогирифта ва фойдабинандагон, вазъи саломатии суғурташавандагон ва шахсони суғурташуда, амволи суғурташуда, маблағи суғуртавӣ, миқдори ҳисобсуратҳои бонкӣ, дар бораи боқимондаҳо ва ҳаракати маблағ дар ин ҳисобсуратҳо ба эълон кардан мансуб нестанд.

Маълумотҳое, ки дар қисми аввали моддаи мазкур нишон дода шудаанд, аз тарафи шахси сеюм дар пойгоҳи ризояти хаттии суғурташавандагон, ҳамчунин шахсони суғурташуда фоидабинандагон нисбати маълумотҳое, ки ба танҳо ба онҳо дахлдор аст, ошкор гардиданашон мумкин аст.

Маълумотнома дар бораи маълумотҳое, ки дар қисми аввали моддаи мазкур нишон дода шудаанд, аз ҷониби суғуртакунандагон мувофиқи тартиби муқаррааргардида бидуни розигии суғурташавандагон ба суд, прокурор, ҳини кушодани парвандаи ҷиноӣ ба мақомоти тафтишоту истинтоқ пешкаш карда мешавад.

Маълумот дар бораи ба имзо расондани шартномаи суғуртавӣ ва амалӣ гардондани ҳисобу китоб дар мавриди фавти суғурташаванда – шахсони ҷисмонӣ дода мешавад:

шахсе, ки суғурташаванда номашро дар васиятномааш иншо кардааст;

ба суд ва нотариусе, ки дар бастӣ онҳо мавҷуд будани парвандаи меросӣ дар пойгоҳи қарори суд ва ё талабномаи хаттии нотариус, ки бо мӯҳр тасдиқ карда шудааст. Ба талабномаи хаттии нотариус бояд нусхаи гувоҳнома дар хусуси фавти суғурташаванда илова карда шавад;

ба консуле, ки дар дасташ парвандаи меросӣ мебошад.

**Моддаи 27. Фаъолияти ташкилотҳои суғуртавии хориҷа**

Ташкилотҳои суғуртавии хориҷа метавонанд муассисони (иштирокдорони) касбии бозори суғуртавӣ мувофиқи тартибе гарданд, ки қонунгузорӣ муқаррар кардааст.

Ташкилотҳои суғуртавии хориҷа ҳуқуқ доранд дар ҳудуди Ҷумҳурияти Ӯзбекистон амалиёти азнавсуғуртакуниро, ҳамчунин ҷавобгарии суғуртаи шаҳрвандиро ба соҳибони воситаҳои нақлиёт ва дигар мошину механизмҳои хурдгарде, ки берун аз ҳудуди Ҷумҳурияти Ӯзбекистон меоянд, ба рӯи об бароранд. Зимни он ба имзорасии шартномаҳои суғуртавӣ тавассути суғуртакунандагон ва миёнаравҳои суғуртавӣ – резидентҳои Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ба рӯи об бароварда мешавад.

**Моддаи 28. Ҳаллу баҳсу мунозира**

Баҳсу мунозираҳо дар соҳаи фаъолияти суғуртавӣ мувофиқи тартибе ҳаллу фасл карда мешавад, ки қонунгузорӣ муқаррар кардааст.

**Моддаи 29. Ҷавобгарӣ барои халалдоршавии қонунгузорӣ дар бораи фаъолияти суғуртавӣ**

Шахсоне, ки дар халалдоркунии қонунгузорӣ дар бораи фаъолияти суғуртавӣ айбдор ҳисобида мешаванд, мувофиқи тартиби муқаррааргардида ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон**
**И. КАРИМОВ.**

шаҳри Тошканд, 5 апрели соли 2002.

Қарори Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

## ДАР ХУСУСИ ТАРТИБИ ЭЪТИБОР ПАЙДО КАРДАНИ ҚОНУНИ ҶУМҲУРИЯТИ ӮЗБЕКИСТОН «ДАР БОРАИ ФАЪОЛИЯТИ СУҒУРТАВӢ»

**Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон қарор мекунад:**

1. Қонуни Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» аз рӯзи чоп гардиданаш эътибор дорад.

2. Ба Ҳукумати Ҷумҳурияти Ӯзбекистон (Ӯ. Султонов) супурда шавад, ки қарорҳои худро ба Қонуни Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» мувофиқ гардонда, аз нав дида баромадан ва манъ кардани санадҳои меъёрии вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва идораҳоеро таъмин созад, ки бар хилофи Қонуни мазкур мебошанд.

3. Инҳо беэътибор дониста шаванд:

Қонуни Ҷумҳурияти Ӯзбекистон аз 6 маи соли 1993 «Дар бораи суғурта» (Ахборотномаи Шӯрои Олии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон, соли 1993, рақами 5, моддаи 217);

қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон аз 6 маи соли 1993 «Дар хусуси тартиби эътибор пайдо кардани Қонуни Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Дар бораи суғурта» (Ахборотномаи Шӯрои Олии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон, соли 1993, рақами 5, моддаи 218);

фасли XVII Қонуни Ҷумҳурияти Ӯзбекистон аз 23 сентябри соли 1994 «Дар бораи даровардани тағйироту иловаҳо ба як қатор санадҳои қонунгузории Ҷумҳурияти Ӯзбекистон» (Ахборотномаи Шӯрои Олии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон, соли 1994, рақамҳои 11-12, моддаи 285);

фасли VI Қонуни Ҷумҳурияти Ӯзбекистон аз 26 декабри соли 1997 «Дар бораи даровардани тағйироту иловаҳо ба як қатор санадҳои қонунгузории Ҷумҳурияти Ӯзбекистон» (Ахборотномаи Олии Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон, соли 1998, рақами 3, моддаи 38).

**Раиси Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон**
**Э. ХАЛИЛОВ.**

шаҳри Тошканд, 5 апрели соли 2002.

*Шарҳи рӯзнома*

# БО НАЗАРДОШТИ ОЗОДКУНИИ СОҲАҲОИ ҲАЁТ

Вакилони халқ дар иҷлосияи ҳаштуми Олий Маҷлис даъвати дуюм Қонуни Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ»-ро кабул карданд ва он эътибори худро баъди дар саҳифаҳои воситаҳои ахбори оммавӣ чоп гардидан пайдо кард. Сараввал бояд зикр намуд, ки қонуни мазкур дар бобати амиқгардонии ислоҳоте, ки дар мамлакатамон амалӣ гардонда мешавад, нақши калоне мебозад ва бо назардошти озодкунии соҳаҳои ҷамъиятиву сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ таҳия гардида, ба фаъолона гаштани ҳаёти хоҷагии ҷумҳурият нигаронда шудааст.

То ҳол суғурта ва фаъолияти суғуртавӣ дар ҷумҳурият дар пойгоҳи талабҳои Қонуни Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Дар бораи суғурта», ки соли 1993 аз ҷониби Шӯрои Олии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон, қабул гардида буд, баробари ин Кодекси шаҳрвандии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон танзим гардонда мешуд. Ва онҳо дар бобати марҳилаи аввали ислоҳоти иқтисодӣ дар ҷумҳурият нақши калоне бозиданд ва самараи хуб бахшиданд. Вале дар мамлакати мо ислоҳоти иқтисодӣ амиқан маъво пайдо кард ва ҳаёт тақозо дошт, ки дар қатори дигар қонунҳо оиди ҳаёти суғурта низ санади нави қонунгузорӣ қабул карда шавад, то ки созгори талаби айём ва меъёру андозаҳои байналхалқӣ бошад. Кумитаи оид ба масъалаҳои ислоҳсозии иқтисодиёт ва тадбиргарии Олий Маҷлис бо кӯмаки ташкилоту муассисаҳои мухталиф, гурӯҳҳои вакилони халқ ва корбастон ба таҳияи лоиҳаи қонуни нав шурӯъ намуд ва он дар иҷлосияи ҳафтуми Олий Маҷлис дар қироати аввал баррасӣ гардида, ба муҳокимаи умумихалқӣ пешкаш гардид. Қонун бо дурдонаҳои халқӣ ғанӣ гардид.

Дар айни замон Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Дар бораи тадбирҳо оид ба минбаъда озодкунӣ ва рушди бозори суғурта» водор сохт, ки ба қонун як қатор бобҳои нав дароварда бо ҳамин ба марҳилаи навбатии амалӣ гардондани ислоҳотҳои тамоми соҳаҳо мувофиқ гардонда шавад. Алалхусус, ҳангоми таҳияи он ба меъёрҳо ва қоидаҳои байналхалқӣ баробари риоя намудани қонунмандии миллӣ диққату эътибори калон нигаронда шуд. Аз он ҷумла, қонунгузориҳои дар ин бобат мавҷудаи ИМА, Швейтсария, Британиёи Кабир, Олмон ба назар гирифта шуданд. Талабҳои Иттиҳоди Аврупо нисбати фаъолияти суғуртавӣ ва тавсияҳои Ассотсиатсияи байналхалқии назорати суғуртавӣ ба назар гирифта шуданд.

Қонун «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» пеш аз қироати дуюм дар парлумони мамлакат аз тарафи вакилони халқ сахт таҳрир карда шуд. Бобҳои зиёдатии он партофта, барои ихчаму фаҳмо гардиданаш диққату эътиборро пурзӯр намуданд. Қонуни иборат аз 29 модда ба ҳукми вакилони халқ пешкаш гардид ва дар иҷлосияи ҳаштуми Олий Маҷлис даъвати дуюм баъди муҳокимаи ҳаматарафа қабул гардид. Агар қонунро бо диққат таҳлил намояд, пеш аз ҳама ба он шоҳид мегардед, ки вазифаву ӯҳдадориҳои суғуртакунандагон, брокёрҳои суғуртавӣ ва васоятгарони суғуртавӣ возеҳу аниқ муайян гардидаанд ва он бешак, барои баланд бардоштани масъулияту ҷавобгарии онҳо мусоидат мекунад. Аз он ҷумла, вазифаҳои суғуртакунанда дар моддаи шашум возеҳу равшан баён гардидаасту он ба талабу меъёр ва таҷрибаи байналхалқӣ пурра мувофиқат менамояд.

Азбаски қонун барои танзими фаъолияти бозори суғуртавӣ бахшида шудааст, аз ҳамин сабаб «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» ном гирифтааст ва ҷавобгӯи мазмунаш мебошад. Чунки дар ҳамаи моддаҳо фаъолияти суғуртавӣ, асосҳои ҳуқуқии он баён гардида, нуктаҳои нав дар ин соҳа маънидоди ҳаматарафаи худро пайдо намудаанд.

Дар қонун нисбат ба лоиҳаи қонуне, ки дар қироати аввал қабул гардида, ба муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод гардида буд, баъзе меъёру қоидаҳо аз байн бардошта шудаанд. Аз он ҷумла, меъёре, ки иштироки суғуртакунандагонро дар бунёди оинномавии дигар суғуртакунандагон иштирок карданро манъ кардааст, гирифта партофта шудааст ва он бо назардошти таҷрибаву амалияи қонунгузории хориҷӣ амалӣ гардидааст. Ба як қатор дигар моддаҳои Қонун тағйиротҳое дохил карда шудаанд, ки бо назардошти амалияи қонунгузории ҷорӣ мебошанд. Баробари ин як қатор мазмуни моддаҳои ҷудогона соддаву фаҳмо гардидаанд.

Қонуни мазкур мувофиқи барномаи озодкунии ислоҳот дар соҳаҳои сиёсиву иқтисодӣ, маънавии ҷамъиятамон, таъмини амнияти мамлакатамон таҳия гардидааст. Ва инро дар мо дар моддаҳо таҳти унвонҳои «Роҳ нагузоштан ба фаъолияти инҳисоротӣ», «Сирҳои суғуртавӣ», «Фаъолияти ташкилотҳои сувғуртавии хориҷа», «Ҷавобгарӣ барои халалдоршавии қонунгузорӣ дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» дида метавонем.

Баробари қабул гардидани Қонун «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ», Қонун «Дар бораи суғурта», ки 6 маи соли 1993 қабул гардидаанд, фаслҳои XV ва VI қонунҳои Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Дар бораи даровардани тағйироту иловаҳо ба як қатор санадҳои қонунгузории Ҷумҳурияти Ӯзбекистон» аз 23 сентябри соли 1994, 26 декабри соли 1997 беэътибор дониста шуда, ба ҳукумат супурда шудааст, ки қарорҳои худро ба Қонуни Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» мувофиқ гардонад.

Дар хотима гуфтан зарур аст, ки дар амал татбиқ гардидани Қонун «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» дар бобати баланд бардоштани мавқеи фаъолияти суғуртавӣ дар ҷамъият дар марҳилае нақши калон мебозад, ки дар ҳамаи соҳаҳои ҳаётамон раванди озодкунӣ ва амиқгардонии ислоҳоти иқтисодӣ фаъолона давом дорад.

